# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-021
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 29.02.2024** **ш. Душанбе**

Суханронии Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – **Султон Ҳасан Баротзода**, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев – **Офаридаев Назрӣ**, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқоти технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе – **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Назарзода Сайфиддин, Ҷӯраева Мушаррафа, Раҳмонова Наргис, Гадоев Нурхон, Ҳомидов Дилмурод ва Сулаймонов Саидраҳмонро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи доктори илмҳои филологӣ ба Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мамадназаров А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Мирзоева М.М.

29.02.2024.